**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Насриддинзода Э.С.** ________
**аз «27» ___01___ соли 2026**

# НУСХА АЗ ПРОТОКОЛИ № 6

ҷаласаи навбатии кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 24 январи соли 2026 ш. Душанбе

Раискунанда: д.и.ҳ., профессор Шарофзода Р.Ш.
Котиб: Бухориева А.Н.

ИШТИРОК КАРДАНД:
Докторони илми ҳуқуқшиносӣ,
профессорон: Азиззода У.А., Ализода З., Шарофзода Р.Ш., Насриддинзода Э.С., Камолзода И.И.,
н.и.ҳ., дотсентон: Куканов А.З., Шодиён И.Р., Шарифзода С.Ш., Иброҳимзода Д.Қ., н.и.ҳ.,
муаллими калон Мирзозода Ф.С.
ассистентон: Розиқзода Д.З., Пирова Г.С., Насриддинзода Ф.С. лаборанти кафедра Бухориева А.Н.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Муҳокимаи диссертатсияи номзадии унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат.

**Роҳбари илмӣ:** Азиззода Убайдулло Абдулло – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва

ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

**Шунида шуд:** оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо баромад намуда, дар бораи сохтор, мубрамияти мавзуи таҳқиқот, вазифа, мақсад ва навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии худ маълумот доданд. Мавсуф қайд карданд, ки ҳама эроду тавсияҳо ва пешниҳодҳои дар муҳокимаи қаблӣ манзургардидаро ба инобат гирифта, ислоҳ намуда, доир ба он маълумотномаи муфассал пешниҳод намуданд.

Доир ба аҳаммиятнокии кор, корҳои анҷомдодашуда оид ба бартараф кардани эродҳо ва нуқсонҳои дар муҳокимаҳои қаблӣ манзургардида ва комёбиҳои дигари дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада унвонҷӯ Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо пурра гузориш дод.

Дар ҷараёни маҷлис аз ҷониби профессор Шарофзода Р.Ш., дотсентон Куканов А.З., Шодиён И.Р., Шарифзода С.Ш. саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Шодизода Н.М. ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ профессор У.А. Азиззода баромад карда, оид ба фаъолияти илмӣ-омӯзгории Шодизода Н.М. суханронӣ намуда, изҳор доштанд, ки номбурда қобилияти баланди эҷодӣ, масъулияти касбӣ ва дониши мукаммали заминавӣ дорад. Ӯ дар давоми солҳои анҷом додани кори илмӣ пайваста дар ҷараёни корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедра ва берун аз он фаъолона ширкат варзида, дар ҳама семинару конференсияҳои сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ бо маърӯзаҳои худ баромад менамояд. Ҳамзамон, номбурда дар семинарҳои илмӣ-назариявӣ ва конференсияҳои Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт фаъолона маъруза намуда, чандин мақолаҳои илмӣ ба нашр расонидааст. Ҳангоми анҷом додани диссертатсия низ бо масъулияти баланд муносибат намуда, дар маҷаллаҳои гуногуни илмии ҷумҳурӣ мақолаҳои зиёдеро доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониаш ба нашр расонида, рисолаи диссертатсиониашро низ бо шакл ва услуби хос ба анҷом додааст.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, д.и.ҳ., профессор Шарофзода Р.Ш. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуданд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла номзадҳои илми ҳуқуқшиносӣ, дотсентон Куканов А.З., Шодиён И.Р., Шарифзода С.Ш. баромад намуда, дар баробари пешниҳод намудани тавсияҳои муфид барои корҳои минбаъдаи илмӣ, рисолаи диссертатсиониро анҷомёфта арзёбӣ карда, онро барои ҳимоя дар шурои дахлдори дисертатсионӣ тавсия намуданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқикро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаи назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ карданд.

Қайд карда шуд, ки Шодизода Н.М. муҳаққиқи ҷавони пурмаҳсул буда, муаллифи 22 мақолаи илмӣ, иштирокчии семинару конференсияҳои илмию амалии сатҳи гуногун мебошад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ низ дар сатҳи зарурӣ омода гардидааст. Эроду тавсияҳое, ки дар муҳокимаҳои қаблӣ ба ӯ аз ҷониби устодони кафедра манзур гардида буданд, ба пуррагӣ бартараф карда шудаанд.

Дар баробари ин, баъзе андешаҳои баҳсталаби дигаре аз ҷониби иштирокчиён изҳор карда шуд, ки ба масъалаи баҳсталаб будани баъзе нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, баъзе таклифу пешниҳодҳои хусусияти амалӣ доштаи диссертатсия бахшида шуда буданд.

Унвонҷӯ Шодизода Н.М. ба эродҳои баромадкунанагон ҷавобу шарҳҳои муфассал ва асоснок дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра дар асоси баромад ва таклифу пешниҳодҳои иштирокчиёну баромадкунандагон омода карда шуда, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ: таҳқиқоти умуминазариявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат таҳқиқоти диссертатсионии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Шодизода Наҷибулло Маҳмадризо дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ:

таҳқиқоти умуминазариявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат бо назардошти ислоҳи эродҳо, таклифу пешниҳодҳои аз ҷониби иштирокчиёни ҷаласа манзур гардида, барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 24.01.2026, №6 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ: - 14 нафар.

Доктрони илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессорон: Азиззода У.А., Ализода З., Шарофзода Р.Ш., Насриддинзода Э.С., Камолзода И.И., н.и.ҳ., дотсентон: Куканов А.З., Шодиён И.Р., Шарифзода С.Ш., Иброҳимзода Д.Қ., н.и.ҳ., муаллими калон Мирзозода Ф.С. ассистентон: Розиқзода Д.З., Пирова Г.С., Насриддинзода Ф.С. лаборанти кафедра Бухориева А.Н.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 14 нафар, «зид»- нест, «бетараф» – нест.

**Раискунандаи ҷаласа:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи назария ва таърихи давлат
ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шарофзода Р.Ш.

**Котиби ҷаласа:** Бухориева А.Н.

Имзои Азиззода У.А. ва Бухориева А.Н.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«24» 01 2026 с.

Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17,
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj
Сомонаи интернетӣ: www.tnu.tj